**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

# НИЗОМНОМАИ

# КАФЕДРАИ «БЕМОРИҲОИ ДАРУНИИ №1»

**Душанбе 2021**

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

**«Тасдиқ шудааст»**
**Бо қарори Шӯрои олимони МДТ**
**«ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»**
**аз «30»___________20 21, № 12**
**д.и.т., профессор_________Гулзода М.Қ.**

# НИЗОМНОМАИ

# КАФЕДРАИ «БЕМОРИҲОИ ДАРУНИИ №1»

**ДУШАНБЕ – 2021**

МУНДАРИҶА

1. Муқаррароти умумӣ……………………………………………………4

2. Мақсад …………………………………………………………………..8

3. Сохтор…………... ……………………………………………………8

4. Вазифаҳои кафедра ………………………………………………..…9

5. Ҳуқуқҳои кафедра…………… ……………………………………..14

6. Уҳдадориҳои кафедра …………………………………………….....15

7.Ҳамкории мутақобила бо кафедраҳо……………………………..15

8. Варақаи мувофиқакунӣ……………………………………………...17

9. Варақаи бақайдгирии тағйиротҳо..…………………………………18

10. Варақаи шиносоӣ…………………………………………………...19

# НИЗОМНОМАИ

# КАФЕДРАИ «БЕМОРИҲОИ ДАРУНИИ №1»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи кафедраи бемориҳои дарунии №1-и МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», «Оинномаи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Кафедра сохтори асосии таълимию илмии донишгоҳ ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимию методӣ, илмию тадқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ, муолиҷавӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад. Корҳои таълимию методӣ ва илмию таҳқиқотии кафедра ба самти асосии фаъолият ва нақшаи таълимии ихтиссоси бемориҳои дарунӣ ва бемориҳои касбӣ, ки омузонидани он аз ҷониби муовинати таълим муқаррар карда шудааст, мутобиқат намоянд.

3. Кафедраи бемориҳои дарунии №1- МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси қарори Шӯрои олимон соли 1942 таъсис ёфтааст.

4. Дар ҳайати кафедра 1 нафар омузгорон, ки 7 нафари онҳо дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд, фаъолият менамоянд.

5. Кафедраро мудир менамояд, ки номзадии ӯ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорон, тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ ба муҳлати 5 сол интихоб карда шудааст.

6. Мудири кафедра дар асоси Низомномаи мазкур ва шартномаи меҳнатӣ аз ҷумлаи докторони илм ва номзадҳои илм ба вазифа интихоб карда мешавад.

7. Дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок намоянд. Мудири кафедра барои як муҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони донишгоҳ интихоб карда мешавад. Шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо дар ду муҳлат иштирок карда метавонанд.

8. Ректори МДТ «ДДТТ ба номи Абўалӣ ибни Сино» баъди интихоби мудири кафедра бо у шартномаи меҳнатӣ мебандад. Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон иборат аз 3 нафар мебошад, ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар Шӯрои олимон баррасӣ мегардад.

9. Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

10. Эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ як моҳ пеш дар саҳифаҳои ахбори васоити умум интишор карда мешавад:

- дар озмун номзадҳо, мувофиқ ба ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд;
- номзаде мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар Шӯрои олимони донишгоҳ ширкаткардаро соҳиб шавад.

11. Мудири кафедраи бемориҳои дарунии №1 касбӣ дар мавридҳои зерин бозхост карда мешавад:

- иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;
- иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;
- манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;
- бо сабаби вазъи саломатӣ;
- ба синни нафақа расидан;
- бо хоҳиши худ;
- муқаррароти дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ амалкунанда муайян намудааст.

12. Маҳдудияти синнусолӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

13. Фаъолияти кафедра тибқи нақшаҳои корӣ, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ, муолиҷавӣ ва робитаҳои байналмиллалиро дар бар гирифтааст, ба роҳ монда мешавад.

14. Масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд, рафти иҷрои нақшаҳо таҳти роҳбарии бевоситаи мудир дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода мешавад.

15. Дар ҷаласаҳои кафедра метавонанд профессорону омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаву ташкилотҳо даъват шудаанд, иштирок намоянд.

16. Дар кафедра ҳамаи ҳуҷҷатҳое мавуд мебошанд, ки феҳристи онҳо тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда муайян шуда, мундариҷа, усулҳои ташкил ва тадбиқи тамоми шаклҳои фаъолияти кафедраро инъикос хоҳанд намуд.

17. Фаъолияти кафедраи бемориҳои дарунии №1 дар самти тайёр намудани интернаҳои клиникӣ, ординаторони клиникӣ, магистрҳо, аспирантҳо, унвонҷӯён, докторантони PhD, докторҳо аз рӯи ихтисос, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбӣ, ҳамчунин рушди қобилияти эҷодии донишҷӯ, қобилияти илмии аспирант, докторант PhD, унвонҷӯ ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо ба роҳ монда мешавад.

18. Кафедра фаъолияти худро дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», қарорҳои Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», фармоишҳои Ректори МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

## 2. Мақсади кафедраи бемориҳои дарунии №1

Фаъолияти асосии кафедра ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» такя намуда, ҳадафҳои асосии он тайёр намудани мутахассисони рақобатпазири дорои омодагии амиқи назариявӣ ва амалӣ, дониши қавии касбӣ, малака ва маҳорате мебошад, ки ба Стандарти давлатии таълимии тахассусҳо мутобиқат менамояд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосӣ кафедра вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди касбӣ ва такмили ихтисос, ба донишҷӯён омӯзонидани принсипҳои асосии фаъолияти сохтори муассисаҳои КАТС, раванди тадқиқотҳои алоҳида, ташхиси тафриқавӣ, табобат, пешгирӣ, офиятбахшӣ ва муоинаи одамоне, ки аз бемориҳои дар амалияи духтур бештар маъмул азият мекашанд;

## 3. Сохтори кафедраи бемориҳои дарунии №1

1. Сохтор ва ҳайати кафедра ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста аст.

2. Ба ҳайати кафедра профессорон, дотсентон, муаллимони калон, ассистентҳо, муҳаққиқ-коромӯзон, аспирантҳо, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон, ҳамчунин кормандони ёрирасони сохторҳои таълимию илмӣ дохил мешаванд.

3. Ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатӣ)-и кафедра тибқи талаботи дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида ва бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.

4. Уҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи «Дастурамалҳои вазифавӣ» аз ҷониби ректори донишгоҳ муайян кардра мешавад.

5. Тартиби баргузории озмуни интихоб ба вазифаҳои омузгорони кафедра дар асоси «Низомномаи ишғоли вазифаҳои кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда мешавад, тасдиқ гардидаанд.

6. Кафедра метавонад лабораторияҳои таълимӣ, илмӣ, ҳуҷраҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва намояндагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ таъсис диҳад.

7. Ба кафедра вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ ва мавҷуд будани беш аз 15 воҳиди корӣ метавонад аз тарафи раёсати донишгоҳ вазифаи муовини мудир ҷудо карда шавад.

8. Дар кафедра бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, семинарҳо, маҳфилҳо ташкил карда мешаванд.

## 4. Вазифаҳои кафедраи бемориҳои дарунии №1

- ташкил ва гузаронидани дарсҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ тибқи нақшаҳои таълимии донишгоҳ;
- роҳбарӣ ба корҳои таълимӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани имтиҳону санҷишҳои ҷорӣ;
- ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;
- таҳия ва интишори барномаҳои таълимӣ;
- навиштани тақриз ба барномаҳои таълимие, ки аз ҷониби кафедраҳои дигар омода гардиданд;
- ба чоп омода сохтани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар маводҳои методӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ дар раванди таълим;

- якҷоя бо муовини ректор оид ба илм ва нашрия иштирок дар интихоби номзадҳо барои ишғоли вазифаҳои холӣ дар кафедра (комиссияи озмунӣ);
- ташкил намудани конференсияҳои таълимӣ-методӣ;
- дастгирӣ намудан ва ёрии методӣ расонидан ба омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба дар роҳи такмил додани маҳорати педагогии онҳо;
- баррасии нақшаву барномаҳои инфиродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва корҳои тарбиявии устодон ва кормандони кафедра;
- таҳия ва баррасии чорабиниҳо оид ба истифодаи маводҳои муосири таълимӣ ҳангоми машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ;
- коркарди маводи таълимию методӣ барои гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён, таъмини истифодаи самараноки низоми таълим, таҷҳизоти муосири лабораторӣ ва технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ;
- таъмини мунтазами сатҳу сифати таҳсилот дар асоси татбиқи технологияи гуногун, аз ҷумла технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, баланд бардоштани сатҳи гузаронидани дарсҳои лексионӣ ҳамчун шакли муҳими корҳои таълимӣ, фаъол гардонидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҳамчун шаклҳои мустаҳкамкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии ба рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён мусоидаткунанда;
- ба роҳ мондани корҳои илмӣ-методӣ дар асоси нақшаҳои тасдиқшуда;
- роҳбарӣ ба корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён ва дар ташкилу гузаронидани конференсияҳои илмиву назариявӣ;
- муҳокимаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар амалия;
- ба нашр тавсия намудани таълифоти анҷомёфта;

- назорати ҷараёни тайёр намудани докторантон, аспирантон, унвонҷӯён ва такмили тахассуси илмии омӯзгорони кафедра;
- созмон додани чорабиниҳои илмӣ (конференсияҳои илмӣ-назариявӣ); аттестатсияи дараҷаҳои илмӣ бо ҳамоҳангии муовинати илм ва нашрияи донишгоҳ;
- ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотии профессорону омузгорон ва кормандони кафедра тибқи лоиҳаҳо ва ба имзо расонидани шартномаҳо;
- муҳокимаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии бадастоварда ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати аз нашр баровардани онҳо, иштирок дар татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда;
- донишгоҳ кафедраро барои фаъолияти кормандонаш бо ҳуҷраҳо, дастгоҳҳо, лавозимоти таълимӣ ва ғайраҳо таъмин менамояд;
- дар мухлатҳои муайяншуда гузаронидани таъмири ҷорӣ ва капиталии ҳуҷраҳои дарсӣ, ки бо мақсади таълимию педагогӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ истифода карда мешаванд;
- назорат ва таъмини таъмири лавозимотҳои таълимӣ, коммуникатсияҳои муҳандисию техникӣ барои босифат гузаронидани ҷараёни таълим ва таҳқиқотҳои илмӣ;
- маъмурияти донишгоҳ якҷоя бо роҳбарони кафедраҳо иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ, ҳифзи меҳнат ва бехатарии зидди сухторро таъмин менамояд;
- ташкили корҳои ташхисӣ ва табобатӣ мувофиқи нақшаи дар кафедра тасдиқгардида;
- гузаронидани конфронсҳои клиникӣ доир ба проблемаҳои муҳим дар соҳаи бемориҳои дарунӣ;

- мунтазам гузаронидани гардишҳои клиникии беморон дар шуъбаҳои клиника аз тарафи мудири кафедра, проффессорон ва дотсентҳо бо иштироки донишҷӯён;
- дуруст ба роҳ мондан ва ворид намудани усулҳои ҳозиразамони ташхис ва табобати бемориҳои дилу рагҳо, узвҳои нафас, гурда, узвҳои ҳозима ва хун;
- фароҳам овардани шароити ҷиҳати азхудкунии малакаҳои амалӣ аз соҳаи бемориҳои дарунӣ барои донишҷӯён;
- расонидани ёрии муолиҷавӣ ва машваратӣ дар муассисаҳои ш. Душанбе.
- ташкил ва гузаронидани корҳо дар самти васеъ гардонидани робитаҳои кафедра бо муассисаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, таълимӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо ҷиҳати тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳо, иҷро ва экспертизаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

**Вазифаҳои мудири кафедра**

-Таҳия накшаи кории кафедра;
- тасдиқи накшаи кори инфиродии омӯзгорон ва кормандони кафедра ва асноди дигар дар сатҳи кафедра;
- хондани лексия ва гузаронидани машғулияти амалӣ;
- назорати раванди таълим, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронидани машғулиятҳо;
- муайян кардани самт ва мавзуъҳои ягонаи таҳқиқотҳои илмии коллективии кафедра;
- тақсими сарбории таълимӣ ва муайян намудани вазифаҳои функсионалӣ дар байни кормандони кафедра;
- роҳбарӣ ба фаъолияти кормандон дар самти таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию асбобҳои аёнӣ;

- тибқи тартиби муқарраршуда манзур сохтани пешниҳод ба ректори донишгоҳ дар мавриди ба кор гирифтан, аз кор озод кардан, мукофонидан ва ҷазои интизомӣ андешидан;
- роҳбарӣ ба чорабиниҳои такмили маҳорати омузгорӣ, тахассуси илмӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кормандони кафедра;
- ташкили кори тарбиявӣ дар байни донишҷӯён ва назорат аз болои хушсифат ва пурсамар гузаронидани он дар машғулиятҳои лексионию амалии муаллимон, инчунин дар гуруҳҳои кураторие, ки ба кафедра вобастагардида;
- ташкили ҷамъияти илмии донишҷӯён дар кафедра;
- гузаронидани ҷаласаю машваратҳои истеҳсолӣ дар кафедра;
- ташкил додани маҳфилҳо, комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедра вобастабуда;
- дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва донишгоҳ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба накшаҳои таълимӣ, нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд, пешниҳод манзур намояд.
- ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори лонишгоҳ таъмин гардонидани кафедраро бо васоити моддию техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ талаб кунад;
- аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ, интизоми меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб намояд;

- муҳлат ва шакли ҳисоботи мудири кафедра дар бораи кори кафедрааш аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ муқаррар мегардад.

**Масъулияти кафедра**

1. Ҷамъоварии мавод аз зерсохторҳои донишгоҳ оид ба ташкили раванди таълим ва мушкилоти марбут ба фаъолияти кафедра.

2. Ташкили кор оид ба гузаштани курсхои такмили ихтисоси кадрҳои илмию педагогӣ.

3. Омӯхтан, пурра кардан ва дида баромадани таҷрибаи муаллимони соҳибтаҷриба, расонидани ёрии амалӣ ба муаллимони ҷавон барои азхуд намудани малакаи педагогӣ.

4. Муҳокимаи корҳои хатмии бакалаврҳо, рисолаҳои номзадӣ, докторӣ аз рӯи ихтисоси аъзоёни кафедра ё шахсоне, ки аз номи роҳбарияти донишгоҳ ба кафедра фиристода шудаанд.

5. Баррасии масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Иштирок дар Шӯроҳои илмӣ, илмию методии факултет ва ҷаласаҳои кафедраҳои дигари донишгоҳ.

## 5. Ҳуқуқҳои кафедраи бемориҳои дарунии №1

1.Истифода аз шаклу усулҳои ҳадафманд ва самараноки таълиму тарбия;

2. Интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро бо риояи тартиб ва талаботҳои дар донишгоҳ муқарраргардида амалӣ намояд;

3. Оид ба ташаккули рӯйхати номгӯи фанҳои факултативӣ ва курсҳои интихобӣ, микдори соатҳои омӯзиши онҳо дар доираи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олӣ таклифҳо пешниҳод намояд;

4. Оид ба такмили фаъолияти таълимӣ, илмию педагогӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ таклифҳо таҳия ва пешниҳод менамояд;

5. Интихоби мавзӯъ, усул ва воситаҳои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, таҳияи самтҳои нави илмӣ, иштирок дар барномаҳои илмии давлатӣ ва байналмилалӣ, дар тадқиқотҳои илмии байникафедравӣ, байнидонишгоҳӣ;

6. Интихоби шаклу усулхои нисбатан самарабахши назорати корҳои таълимии донишҷӯён;

7. Иштирок дар таҳия ва тасдиқи лоиҳаҳои дастурхо, низомномахо ва дигар санадхои меъёрии дохилӣ оид ба фаъолияти кафедра ва донишгоҳ;

## 6. Ухдадориҳои кафедра

1. Ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра ухдадоранд, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, Низомномаи донишгоҳ ва фармоишҳои ректор ба роҳ монанд.

2. Мудири кафедра дар ташкили фаъолияти кафедра, интихоб ва ҷойивазкунии кадрҳо, сифати банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва байналмилалӣ, интизоми меҳнат ва ҳисобдиҳӣ ухдадор мебошад.

3. Ухдадориҳои роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, семинар ва маҳфилҳои ба ҳайати кафедра дохилшаванда, ҳамчунин кормандони ёрирасони таълимию илмии кафедра тибқи «Дастурамали вазифавии кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» муайян карда мешавад.

## 7. Ҳамкорӣ бо дигар бахшҳо

1. Кафедра тамоми ҳуҷҷатҳои маъмурии роҳбарияти олӣ, роҳбарияти донишгоҳро, ки ба фаъолияти он марбутанд, барои иҷро қабул мекунад.

2. Кафедра тамоми қарорҳои Шӯрои олимони донишгоҳро барои иҷро қабул мекунад.

3. Кафедра бо воҳидҳои сохтории маъмурию функсионалии донишгоҳ ҳамкорӣ намуда, муносибатҳои худро бо онҳо тибқи сохтори донишгоҳ, тартиби идоракунӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маҳаллӣ, ҳуҷҷатҳои ташкилию маъмурӣ ва Оинномаи донишгоҳ ба танзим медарорад.

4. Ҳамкории байниҳамдигарии кафедра бо шахсони масъул ба табодули дуҷонибаи иттилоот асос меёбад, агар ин барои ҳалли мушкилот ва иҷрои вазифаҳои ба зиммаи кафедра гузошташуда зарур бошад.

5. Ҳамкориҳои кафедра бо ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳои беруна дар доираи ваколатҳои ба кафедра додашуда амалӣ карда мешавад.

**Эзоҳ:**

Шуъба дар асоси нақшаи корӣ моҳе як маротиба маҷлис мегузаронад. Дар сурати набудани мудири кафедра вазифаи ӯро яке аз муаллимони ботаҷрибаи кафедра иҷро мекунад.

Барои навиштани рисолаи номзадӣ, докторӣ, тартиб додани адабиёти таълимӣ, васоити таълимӣ омӯзгорони кафедра метавонанд ба мӯҳлати аз се то шаш моҳ ба рухсатии эҷодӣ раванд.

Фаъолияти солонаи кафедраро муовинони ректор ва воҳидҳои сохтории Донишгоҳ муайян мекунанд.

Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳои хизматӣ кормандони кафедра мутобиқи санадҳои қонунгузории ҳамин Низомнома ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Муқаррарот дар ҷаласаи кафедраи бемориҳои дарунии № 1 баррасӣ гардид.

Протокол аз _____ августи 20_____

**8. Варақаи мувофиқакунӣ**

| № | Вазифа | Ному насаб | Таърихи мувофиқакунӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ методӣ | д.и.т., профессор Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | д.и.т.. Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | н.и.т., дотсент Қобилов Қ. К. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | н.и.т., дотсент Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагӣ-маъмурӣ | н.и.т., дотсент Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Роҳбари хадамоти ректор | н.и.т., дотсент Носири К.Н. | | |
| 7. | Сардори раёсати рушди кадрӣ | н.и.т. Абдуллозода С.М. | | |
| 8. | Директори Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент; | н.и.т. Маҳмудзода Х.Р. | | |
| 9. | Сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | | |
| **10.** | **Декани факултети тиббӣ** | **д.и.т. Хоҷаева Н.М.** | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

# 9 . Варақаи қайди тағйиротҳо

| № п/п | Асос барои воридкунии тағйирот | Саҳифа | Мазмуни мухтасари тағйирот | Таърихи воридкунӣ | Ному насаб, имзои воридкунандаи тағйирот |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

# 10. Варақаи шиносоӣ

| № | Вазифа | Ному насаб | Таърихи шиносоӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Мудири кафедраи бемориҳои дарунии №1 | д.и.т., дотсент Одинаев Ш.Ф. | | |
| 2. | Профессори кафедра | д.и.т. Одинаев Ф.И. | | |
| 3. | Дотсент | н.и.т. Меҳмонов П.Х. | | |
| 4. | Дотсент | н.и.т. Бадолова С.А. | | |
| 5. | Дотсент | н.и.т. Ҷализода С.С. | | |
| 6. | Ассистент | н.и.т. Юсупова М.Х. | | |
| 7. | Ассистент | н.и.т. Зоидбоева Н.З. | | |
| 8. | Ассистент | Бобохоҷаева З.Б. | | |
| 9. | Ассистент | Муминҷонов С.А. | | |
| 10. | Ассистент | Нодирова З.С. | | |
| 11. | Ассистент | Гуломов С.Ч. | | |
| | | | | |
| | | | | |